# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо бо дарназардошти рӯз то рӯз зиёд гардидани хавфу хатари экстремизми иттилоотӣ, яъне ташвиқоти густурдаи идеологияи экстремистӣ, ифротӣ гардонидани мафкураи ҷавонон ва ҷалб намудани онҳо ба ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла интернет яке аз мавзуҳои мубрами замони муосир маҳсуб меёбад.

Воқеан, ташкилот ва созмонҳои экстремистиву террористӣ, технологияҳои муосири иттилоотиро чун василаи осони амалисозии мақсадҳои ғаразноки худ истифода намуда, тамоми сарчашмаҳои таҳрифшудаи диниро ба манфиати шахсӣ, гуруҳӣ ва ҳизбии худ истифода менамоянд. Мушкилоти масъалаи мазкур дар он аст, ки ақидаҳои таҳрифшудаи динӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ дар фурсати хеле кӯтоҳ дар байни мардум паҳн гардида, заминаи асосии гаравидани бархе аз ҷавонони ноогоҳ ба ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ мегарданд. Аз ҷумла, дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ ба қайд гирифта шуда, омӯзиши маводи тафтишотиву судӣ собит месозанд, ки яке аз омилҳои асосии афзоиши чунин ҷиноятҳо ташвиқоти густурдаи идеологияи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Инчунин, маҳз бо истифода аз технологияҳои мусоири коммуникатсионӣ шомилшавии ҷавонон ба ташкилоти экстремистӣ-террористии «Давлати исломӣ» ва сафарбар кардани онҳо барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар сурат мегирад.

Рушди бемайлони технологияҳои муосири иттилоотӣ боиси он гардид, ки чунин технологияҳо аз ҷониби ташкилоти экстремистии байналмилалӣ барои тағйир додани мафкураи садҳо ҳазор ҷавонон дар манотиқи гуногуни дунё гардад. Бо ин васила, онҳо фаъолияти ҷинояткоронаи худро дар сатҳи баланди ташкилӣ ҳамоҳанг мегардонанд, амалиётҳои ҷинояткоронаи худро маблағгузорӣ ва роҳандозӣ менамоянд, ки бевосита ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, динӣ, нажодӣ, маҳалагароӣ ва ба амал овардани даъватҳои оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ мегардад.

Аммо қонунгузории зиддиэкстремистӣ дар ин самт дорои низоми мукаммал ва ҷавобгӯи талаботи илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир набуда, аломатҳои таркиби ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта хеле мураккаб, норавшан ва ихтилофбарангез мустақар гардидаанд.

Хавфи бесобиқаи идеологияи экстремистӣ дар замони муосир, номукаммалии танзими ҳуқуқии таъмини амнияти иттилоотии кишвар ва норасогии коркардҳои илмии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизми иттилоотӣ аз мубрам будани мавзӯи интихобгардида шаҳодат медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, аз ҷониби диссертртант ба таври мустақилона таҳия гардидааст. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва машғулиятҳои таълимӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ тибқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 13 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Ғайр аз ин, дар доираи таҳқиқот як монография, як дастури илмӣ-таълимӣ, як китоби дарсӣ ва як дастури таълимӣ-методӣ ба чоп расонида шудааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аҳёзода Ш.Т. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шаҳодатмедиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи интишороти аз ҷониби ӯ ба табъ расида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аҳёзода Шоҳрух Табарукшо дар мавзуи «Табиати ҳуқуқӣ-ҷиноятии экстремизми иттилоотӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

– Азиззода Убайдулло Абдулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– Абдуллаев Нозим Саодулоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Шарипов Т.Ш.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ — Абдуҳамитов В.А.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи криминалистика ва
фаъолияти экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ — Шарипов С.С.

Имзои Шарипов Т.Ш. ва Шарипов С.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

Имзои Абдуҳамитов В.А-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи Славянии
Россия-Тоҷикистон — Раҳимов А.А.
«21» декабри 2024